ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Салом» барои дарёфти дараҷаи илмии Доктори Ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси Таърихи фалсафа. – шаҳри Душанбе, 2026, -391 саҳифа..

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи рисолаи илмӣ, ки "Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино" ном дорад ва муҳтавои он, ки дар доираи мавзуи номбурда ифода ёфтааст, ба масоили таърихи фалсафа тааллуқ доранд. Он ба афкори таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ дар асрҳои миёна мансуб аст, ки аз як тараф бо фалсафаи юнонӣ ва аз дигар тараф бо фалсафаи асримиёнагӣ алоқаманд мебошад. Аз ин ҷиҳат он ба шиносномаи ихтисоси Таърихи фалсафа 6D020102 ва самтҳои ба шурои диссертатсионии 6D. KOA-092, ки дар назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикитсон амал мекунад, мувофиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Масъалаи асосие, ки дар рисола матраҳ гардидааст, ин "ҳастӣ" мебошад. Бояд зикр намуд, ки масъалаи мазкур ҳамеша мубрам буда, ҳақиқат ва воқеияти ҳар замонро ба тариқи куллӣ дар худ ифода менамояд. Арасту нахустин маротиба таъкид карда буд, ки масъалаи ҳастӣ ҳеҷ гоҳ инсонро ором намегузорад ва Иммануэл Кант гуфта буд, ки инсон ҳамчун мавуди метафизикӣ ҳеҷ вақт аз андешидан дар мавриди ҳастӣ ором намегирад. Ибни Сино аз камтарин файласуфони миллии мо аст, ки дар қатори бузургтарин файласуфони ҳама давру замон ҷавоби худ дар мавриди ҳастиро додааст. Саҳми файласуфи тоҷик то он андоза боаҳамият буд, ки онро ҳамчун оғози дигарбораи метафизика қаламдод менамоянд, мутаассифона ин масъала то имрӯз нодида гирифта шудааст ва рисолаи мазкур маҳз ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ҳам аз ҷиҳати фалсафӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ дорои мубрамият мебошад. Назари Ибни Сино дар мавриди ҳастӣ аз он ҷиҳат низ мубрам мебошад, ки он ба файласуфи имрӯза ба тариқи бунёдӣ андешидан доир ба масъалаҳои асосиро меомӯзонад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии

Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба Ибни Сино ҳамчун яке аз шахсиятҳои барҷастаи миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, чанд сол пеш бо ташаббуси бевоситаи сарвари давлат "Маркази синошиносӣ" дар назди Академияи Миллии Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуд ва соли гузашта ҷоизаи байналмилалии Ибни Сино ташкил ёфт, ки инҳо далел ба ҳамеша актуалӣ ва мубрам будани Сино ва фалсафаи ӯ барои миллати тоҷикро дорад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар рисола ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст. Фалсафаи Ибни Сино аз зумраи камтарин саҳифаҳои фалсафаи тоҷик аст, ки мавриди таҳқиқи донишмандон қарор гирифтааст. Аммо ин таҳқиқот асосан дар доираи илми шуравӣ сурат гирифта буд ва бештар масъалаҳое мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд, ки аз тарафи мактаби идеологии шуравӣ пешниҳод мегардиданд, ё ин ки онҳо бо ин идеология зиддият надоштанд. Ошноӣ бо синошиносии фаротар аз муҳити шуравӣ ба муаллиф имконият додааст, ки дар соҳаи фалсафаи метафизикии Ибни Сино як қатор навгониҳои ҷолиб ва ҳақиқиро пешниҳод намояд.

Навгонии бунёдии рисола ин дар асоси масъалаи ҳастӣ ва ҳамчунин ҳастӣ ва моҳият мавриди таҳлил қарор додани фалсафаи Ибни Сино мебошад. Мавриди омӯзиш қарор додани ин масъалаҳо як масъала ва дар асоси онҳо таҳлил кардани фалсафаи як файласуф масъалаи дигар аст. Навгониҳои асосии диссертатсияро метавон чунин ҷамъбандӣ намуд:

- Дар ҳақиқат ҳам оиди Ибни Сино, Форобӣ, Н. Тусӣ ва ғайра, ки намояндагони фалсафаи метафизикии асримиёнагии мо ба ҳисоб мераванд, таҳқиқоти зиёд анҷом гирифтааст, аммо худи мафҳуми метафизика (мобаъдуттабиа) ба андозаи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Мавзуи асосии он кадом аст, кадом масъалаҳоро дарбар мегирад ва ё ҳудуди доираи масъалагузориҳои ин илм ва робитаи он бо дигар илмҳо, ҳамчунин фоидаи он мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Муаллифи рисола тавонистааст, ки ба ҳамаи ин масъалаҳо нахустин маротиба ба тариқи муфассал маълумот диҳад, ки худ як навгонӣ буда, дар айни ҳол барои фалсафаи имрӯза муфид мебошад;

- Барои мо ҳамеша танҳо назари марксистиро талқин менамуданд, ки масъалаи асосии фалсафа ин муносибати ҳастӣ бо тафаккур мебошад. Аммо ҳоло маълум гардид, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ масъалаи асосии фалсафаро ин ҷавоб додан ба саволи "ҳастӣ чист?" ташкил медиҳад. Аҷоибии кор дар он аст, ки Ибни Сино низ ба ин масъала пай бурда будааст ва тамоми фалсафаи ӯ ин ҷавоб додан маҳз ба соли "ҳастӣ чист?" мебошад. Бояд эътироф намоям, ки Сино дар ин маврид пешқадамтар аз мо будааст. Мо бояд ба мисли ин файласуф ба тариқи фундаменталӣ андешиданро биёмӯзем ва муаллифи диссертатсия дар шиносонидани ин масъала беҳтарин хидматро анҷом додааст;
- Албатта ба масъалаи вуҷуд ва моҳият таваҷҷуҳҳо сурат гирифтаанд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба андозаи муаллифи диссертатсия ин масъаларо бунёдӣ ва доманадор таҳқиқ накардааст. Аз ҳам ҷудо кардани маънии ҳастӣ аз маънии моҳият дар анъанаи фалсафаи метафизикаи ҷаҳонӣ нахустин маротиба маҳз аз ҷониби Ибни Сино сурат гирифтааст ва муаллиф нахустин маротиба ин масъаларо дар синошиносии ватанӣ ошкор сохтааст;
- Мувофиқи хостаи идеологияи шуравӣ кӯшишҳо сурат мегирифтанд, ки Сино ҳамчун материалист шиносонида шавад. Истифодаи калимаи "модда" ҳанӯз маънои материалист, ё моддигаро будани файласуфро надорад. Муаллиф нишон додааст, ки модда дар фалсафаи ин файласуф пассив ва ғайрифаъол буда, аз фаҳмиши моддигароёна билкулл фарқ менамояд. Чизи ҷолиб дар ин маврид он аст, ки калимаи "модда"-и арабӣ дар асл аз калимаи "моя"-и форсии қадим баромадааст;
- Навгонии дигар ин дар муносибат бо масъалаи сабабҳо мебошад. Аввалин маротиба таҳлили муфассали чаҳор сабаб, яъне сабабҳои фоъилӣ, моддӣ, суварӣ ва ғоӣӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия сурат гирифтааст. Бидуни фаҳми масъалаи сабабҳо фаҳмиши масоили дигари метафизикӣ, бахусус консепсияи имкон-ул-вуҷуд номумкин мебошад.

Асосноки ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Муаллиф тавонистааст, ки дар хулоса муҳимтарин нуктаҳои дар рисола

матраҳгардидаро бо дақиқияти махсус ҷамъбандӣ намояд. Бандҳои алоҳидаи хулоса бо як мураттабии мантиқӣ бобҳо ва зербобҳои алоҳидаи рисоларо инъикос мегардонанд. Рисола аз густариши фалсафаи юнонӣ ба шарқи исломӣ оғоз гардида, дар идома нақши Форобӣ дар шаклгирӣ ва густариши фалсафаи асримиёнагии тоҷик нишон дода мешавад, ки ду бахши аввали хулоса маҳз ҳамин масъалаҳоро ҷамъбаст менамояд. Дар бахшҳои минбаъда низ ҳеҷ гуна умумиятгуӣ ва ё нуктаҳое, ки бо матни аслӣ робита надоранд, ба назар намерасад. Муаллиф тавонистааст, ки мазмунҳои васеъро дар шакли хулоса мухтасар ифода намуда, аҳамиятнокии нуктаҳои асосии ҳар як зербобро бори дигар таъкид намояд.

Бо вуҷуди он ки тавсияҳо каме мухтасар ифода ёфтаанд, аммо муаллиф тавонистааст, ки муҳимтарин тавсияҳоро барои пешрафти илм ва ҳамчунин муҳаққиқони соҳа пешниҳод намояд. Пеш аз ҳама маводҳои овардаи муаалиф дар мавриди заминаҳои инкишофи фалсафаи асримиёнагӣ ва пайвандҳои он бо фалсафаҳои Юнон, Ҳинд ва Эрони Бостон, барои муҳаққиқони насли нав маводи арзанда ба ҳисоб меравад. Онро метавон дар муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ ҳамчун мавод дар барномаҳои таълимӣ ва илмӣ ҷойгир намуд. Ҳамингуна, дар мавриди фаҳмиши метафизика низ муаллиф тавсия медиҳад, ки он ҳамчун раҳнамо барои ошноӣ бо анъанаи метафизикаи ҷаҳонӣ метавонад хидмат намояд.

Муҳимтарин тавсияи муаллиф он аст, ки равиши илмӣ ва ақлоние, ки Сино ҳангоми таҳлили масъалаҳо истифода намудааст, барои муҳаққиқони имрӯза қобили омӯзиш мебошад. Танҳо зеҳнияти қавӣ, неруманд ва бархурдор аз методологияи асили илмӣ, қодир ба таҳлил ва таҳқиқи ҳар як масъала мебошад, ки Сино ҳангоми таҳлили масъалаҳо ин махсусиятҳои зеҳнии худро ба намоиш гузоштааст ва моро лозим меояд, ки ба хотири баланд гардонидани дараҷаи сифатии афкори илмӣ ва фалсафии худ аз ин равиш истифода барем. Муаллиф тавонистааст бо аҳамиятнокии рисолаи худ тавсияҳои муфид ва арзанда пешниҳод намояд, ки амалисозии онҳо барои пешрафти илм ва фалсафаи ватанӣ мусоидат менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои дар диссертатсия инъикосёфта.

Ба хотири эътимоднокии ақидаҳои худ, муаллифи рисола масъалагузориро каме дуртар аз масъалаи асосӣ шуруъ намуда, дар оғоз заминаҳои густариши фалсафаи юнонӣ, ҳиндӣ ва Эрони Бостон, ҳамчунин саҳми Форобӣ дар ташаккули фалсафаи асримиёнагӣ оғоз намудааст. Ҳангоми таҳлили масъалаҳо бештар ба сарчашмаҳои асосӣ, муаллифони саршинос дар синошиносии ватанӣ ва ҷаҳонӣ, ҳамчунин бевосита ба худи матнҳо мурочиат шудааст. Ҳеҷ як аз масъалаи дар рисола инъикосёфта сарсарӣ ва тасодуфӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтааст, балки то ба охирин дараҷаҳо мавриди таҳлилҳои муфассал қарор гирифтаанд. Масъалаҳо ба тариқи обективӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ва таҳлилҳои герменевтикӣ тавонистаанд, ки ҳамагуна андеша ва мафҳумҳои асосии фалсафаи Синоро ба рушании фаҳмиш наздик созанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, ки дар умум дувоздаҳ фаслро ташкил медиҳанд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ, инчунин рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рисола аз 391 саҳифа иборат аст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши масъала, аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якуми рисола заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии густариши фалсафа дар асрҳои миёна дар шарқи исломӣ матраҳ гардидааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар зербоби аввал густариши фалсафаҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва эронӣ дар марҳалаҳои пешазисломӣ ва исломӣ матраҳ гардидааст. Омилҳои зиёде боиси густариши фалсафаҳои зикргардида мегарданд, ки муҳимтарини онҳо ин мутарҷимони эронӣ ва суриёнӣ буданд. Зербоби дувум ба саҳми Форобӣ дар ташаккули фалсафаи асримиёнагӣ, ба систем даровардани илмҳои дар ин замон мавҷудбуда, ба вуҷуд овардани забони фалсафӣ ва дигар масоили бунёдии марбут ба фалсафа мебошанд. Бахшидани як зербоб ба Форобӣ барои шинохтани беҳтари Ибни Сино, ҳамчунин фазои

фалсафии ин замон ва шаклгирии фалсафаи метафизикӣ боаҳамият мебошад. Форобӣ маҳз аз он ҷиҳат шахсияти марказӣ аст, ки ӯ бевосита аз устоде фалсафа ва илм омӯхтааст, ки ӯ ба тариқи силсилавӣ бевосита бо устодони юнонӣ пайвастагӣ дошт. Дар зуҳури Ибни Сино ҳамчун як файласуф саҳми Форобӣ бузург аст ва дар айни ҳол дар шиносонидани Форобӣ саҳми Ибни Сино бузург аст.

Дар зербоби савуми боби якум сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи метафизикии Ибни Сино матраҳ гардидаанд, ки муаллиф нахуст аз таъсири фалсафаи юнонӣ, бахусус фалсафаи Арасту ва Навафлотуния, минбаъд дини Ислом ва баъзе аз афкори файласуфони каломӣ ва дар ниҳоят аз таъсири фалсафаи пешазисломии эронӣ сухан кардааст.

Дар боби дуюм муаллиф ба шарҳ ва тавзеҳи масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Сино мепардозад. Он чи ки бештар хонанда ва муҳаққиқонро ба иштибоҳ меоварад, ин фаҳмиши ҳастӣ дар фалсафаи Ибни Сино мебошад. Ҳанӯз Арасту мавзуи асосии метафизикаро ҳастӣ чунон ҳастӣ номида буд ва зери он ҳастии ҷудо аз моддаро дар назар дошт. Ибни Сино низ барои равшан сохтани масъалаи ҳастӣ баҳси доманадорро дар миён гузошта, дар бораи ҳастие сухан мегӯяд, ки он ҷудо ва пеш аз модда буда, лоақал дар шинохти он мо ниёз ба модда надорем.

Муаллифи рисола дар ин бахш масъалаҳои асосиеро, ки метафизика онҳоро меомӯзад равшан месозад, ки дар зоти худ нахустин маротиба дар илми синошиносии ватанӣ мебошад. Метафизика аз нигоҳи Ибни Сино асосан се масъалаи бунёдиро матраҳ месозад: якум, аразҳои хоси вуҷуд; дувум, асосҳои илмҳои ҷузъӣ ва ниҳоят масъалаи судурро. Шаҳовудинов тавонистааст, ки ҳудуди баҳсҳои метафизикӣ ва масъалаҳои асосии онро нишон диҳад, ки барои муҳаққиқони ҷавон метавонад роҳнамои хубе бошад.

Идомаи баҳс ба тақсими ҳастӣ ба се навъ: воҷибулвуҷуд, имконулвуҷуд ва мумтанехулвуҷуд бахшида шудааст. Муаллиф тавассути нишон додани хусусиятҳои асосии онҳо фарқиятҳои бунёдии ин навъҳои ҳастиро нишон диҳад. Мумтанеъулвуҷудро ба хотири нестӣ буданаш аз доираи баҳс берун

месозад ва ду навъи дигарро дар асоси фарқиятҳои бунёдиашон аз ҳам ҷудо месозад. Ин амали муаалифи рисола ҳамчун муқаддимае барои шарҳҳои минбаъда дар мавриди навъҳои ҳастӣ хидмат менамояд.

Зербоби дувуми боби дувуми рисола ба масъалаи воҷибулвуҷуд бахшида шудааст. Аз равшаннамоиҳои муаллиф метафон натиҷа гирифт, ки фаҳмиши Ибни Сино дар мавриди Худо бештар ба фаҳмиши навафлотуниҳо ва шояд Афлотун наздикӣ дорад, то ба фаҳмише, ки дар дини Ислом вуҷуд дорад. Воҷибулвуҷуд дорои ҳеҷ як аз хосиятҳое нест, ки мумкинулвуҷуд доро мебошад, баръакс он дорои хосиятҳое аст, ки онро мо дар мумкинулвуҷуд дарёфта наметавонем. Воҷибулвуҷуд ақл, оқил ва маъқул дар як он буда ҳамчун ақли маҳз, хайри маҳз ва саодати маҳз муаррифӣ мегардад.

Дар боби сеюм масъалаҳои асосии метафизикаи Ибни Сино матраҳ гардидаанд, ки шарҳи дақиқ ва пайгиронаи муаллиф ба ҷанбаҳои норавшани ин фалсафа равшанӣ меандозад. Аз ҷумла яке аз баҳсҳои бунёдӣ ва доманадор, ки дар бунёди ҳамаи баҳсҳои дигар қарор мегирад, ин масъалаи вуҷуд ва моҳият мебошад. Маҳз дар ҳамин муносибат фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино аз фалсафаи Арасту ҷудо мегардад. Муаллиф ин масъаларо бо ҳавсалаи махсус таҳлил намуда чигуна аз баҳси чиз ба баҳси моҳият гузаштани андешаро равшан месозад, ки аз муҳимтарин нуктаҳои рисола мебошад. Он даҳ категорияе, ки дар фалсафаи Арасту ҳамчун категорияи ҳастӣ дониста мешуд, дар фалсафаи Сино ҳамчун моҳият шинохта мешаванд ва ҳастӣ берун аз доираи категорияҳо аст. Масъалаи моҳият ва вуҷуд бояд ҳамчун санги бунёдии фалсафаи метафизикии Ибни Сино дониста шавад, ки дар муносибат бо он фалсафаи Сино аз фалсафаи Арасту фарқ менамояд ва навъҳои ҳастӣ низ дар муносибат бо он ба воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд тақсим мешаванд. Дар воҷибулвуҷуд моҳият вуҷуд надорад, он ҳастии маҳз мебошад, аммо дар имконулвуҷуд вуҷуд ва моҳият аз ҳам фарқ менамоянд. Моҳиятҳо ҳамеша пеш аз вуҷуд қарор доранд ва вуҷуд оризи онҳо мегардад ва пасон онҳо дорои вуҷуд мегарданд. Муаллиф дар ин маврид назари донишманди фаронсавӣ Жоливетро овардааст, ки гӯё баҳси моҳият аз баҳси чиз ва чизият оғоз

гардидааст ва дертар Форобӣ моҳиятро ҷойгузини чизият мегардонад. Дар ин мавриД ӯ тавонистааст, ки назари Ибни Сино дар мавриди муносибати вуҷуд ва моҳият ба хубӣ ошкор созад. Баҳси мазкур дар шинохти минбаъдаи навъҳои ҳастӣ бар муаллифи рисола кӯмак кардаасҭ, минбаъд баҳси моҳият дар муносибат бо дигар масъалаҳои метафизикӣ, бахусус масъалаҳои ҷавҳар ва араз, ҳамчунин куллӣ ва ҷузъӣ идома пайдо менамояд.

Зербоби дувуми боби савум ба масъалаи ҷавҳар ва араз бахшида шудааст. Маълум аст, ки баҳси мазкур аз фалсафаи Арасту оғоз меёбад ва дар фалсафаҳои Форобӣ ва Ибни Сино низ бозтоби густурда пайдо менамоянд. Баҳси мазкур ниҳоят муфассал ва печида аст ва аз миёни панҷ навъи ҷавҳари номбаркардашуда, муаллиф асосан ба модда, сурат ва ҷисм ҳамчун иборат аз сурат ва модда бештар таваҷҷуҳ намудааст. Дар ин ҷо муаллиф тавонистааст асолати илмии Синоро ошкор созад, зеро Сино танҳо бар ақлоният такя намудааст ва танҳо аз илмҳои дақиқ аз қабили физика ва ё геометрия далеловарӣ менамояд.

Аммо новобаста аз ин, муҳимтарин ҷанбаи ин бахш дар он аст, ки Шаҳовудинов нуқтаи фарқкунандаи фалсафаи Сино аз Арастуро маҳз дар ҳамин муносибат нишон додааст. Даҳ категория ва ё ҳамон ҷавҳар ва араз, ки дар фалсафаи Арасту даҳ категррияи ҳастӣ дониста мешавад, дар ин ҷо ҳамчун даҳ категорияи моҳият шинохта мешавад ва ҳастӣ бар онҳо дохил намешавад. Қаблан ҳангоми сухан кардан аҳ моҳиятҳо ҳама гумон мекарданд, ки сухан дар бораи танҳо моҳият меравад. Масалан, дар гуфтори “ҷавҳар аст” сухан танҳо дар мавриди ҷавҳар меравад, аммо Сино исбот менамояд, ки дар ин ҷо сухан дар бораи ду чиз, якум, ҷавҳар ва дувум, ҳастӣ меравад. Агар маънии ҳастӣ сарфи назар карда шавад, пас ҳастӣ бемаънӣ мегардад ва ҳамчунин агар ҳастиро баробари моҳиятҳо даҳто ҳисобем, онгоҳ антитезиси он, яъне нестӣ низ бояд даҳто бошад, ҳоло он ки танҳо як нестӣ вуҷуд дорад, пас ҳастӣ низ танҳо якто мебошад. Ин таҳлили Шаҳовудинов нахустин маротиба дар синошиносии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Зербоби савуми боби мазкур ба масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ бахшида шудааст ва донишмандон бар ин ақида ҳастанд, ки дар ин муносибат Сино масъалаи моҳиятро матраҳ гардонидааст. Андешаҳои маърифатӣ ва мантиқии Ибни Сино дар ин маврид матраҳ гардидаанд ва Шаҳовудинов дар ин бахш аҳамияти ҳастии зеҳнӣ дар фалсафаи мутафаккири зикргардидаро нишон медиҳад. Дар зеҳн вуҷуд доштани як мафҳум ҳанӯз дар худии худ мафҳуми куллӣ нест, он замоне мафҳуми куллӣ мегардад, ки агар маҳҳуми куллӣ дар зеҳн оризи он гардад. Дар ниҳояти зербоби мазкур фарқияти ҷуфти куллӣ ва ҷузъӣ аз кулл ва ҷузъ нишон дода мешавад, ки ҷанбаи зеҳнӣ доштани аввалӣ ва ҷанбаи зоҳирӣ доштани дувумӣ мебошад.

Боби чаҳоруми рисола масъалаҳои дигари метафизикаи Сино аз қабили назарияи сабабият, пешӣ ва сипасӣ ва ниҳоят ҳастиҳои билқуввa ва билфеълро дарбар мегирад. Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи сабабҳо ба навъи имконулвуҷуд тааллуқ дорад ва умуман имконулвуҷуд маҳз тавассути сабабҳо аз ҳолати имконӣ ба воқеӣ мегузарад. Шаҳовудинов тавонистааст, ки назари Сино дар ин муносибатро ба хубӣ равшан созад. Ӯ сабабҳои фоъилӣ, моддӣ, суварӣ ва ниҳоят ғойиро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, хосиятҳои асосии онҳоро ошкор намудааст. Ба сабабҳои моҳиятӣ дохил шудани сабабҳои моддӣ ва суварӣ, ҳамчунин ба сабабҳои вуҷудӣ дохил шудани сабабҳои фоъилӣ ва ғойиро равшан месозад. Таҳлили муаллиф дар ин муносибат низ дар илми синошиносии ватанӣ бсобиқа мебошад.

Зербоби дигари боби мазкур ба масъалаҳое аз қабили пешӣ ва сипасӣ, инчунин ҳастии билқуввa ва билфеъл бахшида шудааст. Масъалаҳои мазкур аз дидгоҳҳои гуногун мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, Масалан, пешӣ ва сипасӣ дорои хусусияти механикӣ мебошанд, ки бо касби эътиборот ба масъалаи метафизикӣ табдил меёбанд. Дар мавриди ҳастии билқуввa ва билфеъл бошад муаллифи рисола нишон медиҳад, ки ҳеҷ чиз аз нестӣ ба олами ҳастӣ намеояд, балки чизҳо дар ҳолати ҳастии билқуввагӣ ҳастанд ва аз он ба ҳолати ҳастии билфеълӣ мегузаранд. Аз рӯи таҳлилҳои муаллифи рисола

маълум мегардад, ки беш аз ҳар мавриди дигар, дар ин муносибат Ибни Сино зери таъсири Арасту ва мактабҳои суқротӣ қарор гирифтааст.

Боби охири рисола ду масъалаи муҳими метафизикаи Ибни Синоро дарбар мегирад, ки инҳо масъалаи судур ва фалсафаи амалии ӯ мебошанд. Дар мавриди зуҳури офариниш аз мабдаи нахустин муаллиф нишон медиҳад, ки Ибни Сино бештар зери таъсири фалсафаи Навафлотуния қарор гирифтааст, то таълимоти исломӣ. Аммо дар мавриди ҳадафи ҳаракати фалакҳо Сино зери таъсири ҳеҷ як аз таълимоти гузашта қарор нагирифта, бо далелҳои мантиқӣ онҳоро инкор менамояд ва баръакс онҳо назари худро пешниҳод намудааст, ки ба тамоми фалсафаи ӯ маънии ниҳоӣ мебахшад.

Зербоби дувуми боби охири рисола ба масъалаи фалсафаи амалии Сино бахшида шудааст ва муаллиф дуруст қайд менамояд, ки бахши мазкур аз ҷиҳати равиш ва сабки офариниш аз дигар қисматҳои "Шифо" фарқ менамояд. Дар ин ҷо Сино аз як файласуфи ақлгаро бештар ба як тарғиботгари сарсахти динӣ шабоҳат дорад, ки дар баъзе мавридҳо даст ба ифрот низ мезанад. Новобаста аз ин, Сино дар ин муносибат як қатор андешаҳои муфиди иҷтимоии худро аз одоби оиладорӣ сар карда то ба масоили умумии иҷтимоиро матраҳ месозад. Дар ин бахш заъфи Сино дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ба ҷои мустақилона консепсияи сиёсии худро пешниҳод кардан, ба таълимоти динӣ такя менамояд ва афкори худро бо он мутобиқ мегардонад.

Шояд дар миёни ин масъалаҳо ҳастанд масъалаҳое, ки сарфи назар гардида бошанд, аммо аксари масъалаҳои метафизикии марбут ба масъалаи ҳастӣ, муфассал ва бо маром мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки дар умум як кори шоиста ва арзанда мебошад.

Хулоса аз 13 банд иборат буда ҳар як банди он яке аз масъалаҳои муҳими рисоларо дар худ ҷамъбаст намудааст. Дар хулоса натиҷаи ҳамаи масоили муҳими дар диссертатсия дарҷёфтаро метавон мушоҳида намуд. Натиҷагириҳо муъҷаз ва дар айни ҳол фарогири масъалаҳои асосӣ мебошад, ки ба хонанда тасаввуроти куллӣ ба вуҷуд оварда метавонад.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳамияти илмӣ ва фалсафии рисола аз он иборат аст, ки аксари матолиби дар рисола инъикосёфта нав ва ё камтар мавриди омӯзиш қарор гирифта буданд. Дар синошиносии ҷаҳонӣ бештар ба масъалаи ҳастӣ ва робитаи ҳастӣ бо моҳият бештар таваҷҷуҳ менамоянд, ки ин руҳия дар рисолаи мазкур инъикос ёфтааст, аммо дар синошиносии мо он андоза, ки мебоист ин масъалаҳо қариб омӯхтанашуда боқӣ монда буданд. Масъалаҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки нахустин маротиба муфассал таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Равиши таҳлили рисола низ худ як дастоварди илмӣ маҳсуб мешавад. Тавассути усули ҳерменевтикӣ масъалаҳои асосӣ, мафҳумҳои бунёдӣ ва ҳадафи аслии Ибни Сино равшан гардонида шудаанд.

Дар барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии кишвар бо як қатор сабабҳои обективӣ масъалаҳое чун метафизика, масъалаи ҳастӣ чунон ҳастӣ ва мисли инҳо ҷойгоҳ надоштанд, ин рисола метавонад маводи хубе бошад барои ворид кардани онҳо ба барномаҳои таълимӣ ва илмӣ.

Бевосита худи фалсафаи Ибни Сино низ ба андозаи зарурӣ дар барномаҳои таълимӣ ҷой дода нашудааст ва таҳқиқоти мазкур метавонад маводи хуб дар ин маврид гардад. Дар асоси рисолаи мазкур имкони хуби ташкили курсҳои махсуси ихтисосӣ доир ба метафизика ва Фалсафаи Ибни Сино вуҷуд дорад. Дар Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон маркази Синошиносӣ фаъолият менамояд ва он асосан ба тарҷумаи осори Ибни Сино машғул аст. Бояд доираи фаъолиятҳои он густариш дода шавад ва дар назди он як семинари махсуси синошиносӣ ташкил карда шавад, ки бевосита ба омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи Ибни Сино машғул гардад. Мутахассисони соҳаи фалсафаи Ибни Сино метавонанд натиҷаи таҳқиқоти худро дар он семинар барои донишҷӯён ва мутахассисони ҷавон пешкаш намоянд. Диссертатсияи Шаҳовудинов Н. дорои ҷанбаҳои хубе мебошад, ки метавонад фалсафаи Ибни Синоро ба насли ҷавон хуб муаррифӣ намояд. Бахусус метафизикаи он, ки камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва диссертатсияи мазкур дар ин ҷода муфид мебошад.

Дар асоси он метавон дар донишгоҳҳои Тоҷикистон, дар назди факултетҳои фалсафа, низ курсҳои семинарӣ доир ба фалсафаи Ибни Сино ташкил намуд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ муаллиф монографияи “Метафизикаи Ибни Сино” (Душанбе. 2021. – 252 с.) ҳамчунин 16 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, нашр намудааст. Инчунин дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ дар чандин конференсияҳо ва маҷаллаю рӯзномаҳои хусусияти илмӣ-оммавӣ дошта бо маҷолаҳои марбут ба мавзӯи рисола баромадҳо намудааст.

Мутобиқати барасмиятдарории рисолаи илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар адабиёти фалсафӣ баъзан мафҳуми нестиро яктарафа ташреҳ намуда, онро чун нестӣ ё адами мутлақ арзёбӣ мекунанд. Ҳол он ки ҳастӣ ва нестӣ дар ягонагии диалектикӣ, ҳам дар олами моддӣ ва ҳам дар муҳити иҷтимоӣ, аз ҳастии хеш дарак медиҳанд. яъне нестӣ низ вуҷулияти воқеӣ дошта, он метавонад чун воқеиятӣ имконӣ (потенсиалӣ) зоҳир гардад.

2. Ҳарчанд категорияи ҳастӣ мафҳуми меҳварии таълимоти метафизикӣ мебошад, аммо баррасии он бидуни мафҳуми “нестӣ” ғайриимкон аст. Зеро нестӣ мазмунан аз ҳастӣ бармеояд ва баръакс ҳастиро тавассути нестӣ идрок хоҳем кард. Ғайр аз он фаҳмиши мафҳуми нестӣ аз фаҳмиши анъанавӣ фарқ мекунад ва ба таълимотҳои муосир шабеҳият дорад.

3. Буалӣ дар таълимоти ахлоқии хеш некиро бо ҳастӣ, бадиро бо нестӣ ё адам айният медиҳад. Некӣ дар мавриде метавонад некӣ бошад, ки ҳастии

бадиро дар бар гирад ва он аз рӯи зарурат омада, аммо ҳадафи коинот нестанд. Таносуби некию бадӣ чун шароити ҳастии аҷсоми алоҳида, ҳодиса ва раванд, дар қувва ва тамоюли гуногуни ба ҳам мухолиф қарор ёфта, ваҳдати дохилии онҳоро таъмин мекунад. Дар диалектикаи некию бадӣ нақши ҳалкунандаро некӣ мебозад, ки хосяти муҳими он ҳастӣ буда, нестӣ (адам) асли бадӣ аст. Маҳз аз муносибати мутақобилаи некӣ ва бадӣ Шайхурраис принсипи сохтори ҷаҳонро тавзеҳ медиҳад.

4. Дар таълимоти метафизикаи Ибни Сино ҳастии Воҷибулвуҷуд мутлақ аст. Аммо донишманд дар осори худ ҳастии Воҷибулвуҷудро аз ҷиҳати хирадгароӣ, яъне ратсионалитӣ ташреҳ медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таълимоти ҳастии Буалӣ Сино мебошад. Дар диссертатсия доир ба он чизе гуфта нашудааст.

5. Дар диссертатсия таҳлили муқоисавии таълимоти ҳастии Ибни Сино бо таълимотҳои ҳастии замони муосир дида намешавад. Хуб мешуд агар қиёс байни таълимоти Шайхурраис ва таълимоти ҳастии фалсафаи экзистенсиализм роҳандозӣ карда мешуд. Махсусан дар масъалаи ҳастӣ ва моҳият. Дар ин маврид рушан тафовути фалсафаи ҳастии Абуалӣ ибни Сино ва фалсафаи ҳастии равияи экзистенсиализм баръало намоён мегардид.

6. Дар диссертатсия муаллиф таърихи вожаи истилоҳи “Воҷибулвуҷуд”-ро шарҳ намедиҳад, ки он аввалин маротиба аз ҷониби Ибни Сино ба илм ворид шудааст. Ғайр аз он, дисссертант мақоми “имконулвуҷудро ” дар таснифоти худ ба ҷои аввал ва “Воҷибулвуҷудро” баъди он мегузорад, ки ин иштибоҳ аст, зеро Воҷибулвуҷуд мутлақи маҳз аст ва манзалати Ӯ дар ҳар сурат дар аввал аст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино» аз рӯйи ихтисоси таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба

анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии Доктори Ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгохи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.**

14 11 соли 2026 /

Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри_Душанбе, н. Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ, бинои 23/16, ҳуҷраи 22
Тел.: (+992) _918827393
E-mail:Rakhimov55@mail.ru

Имзои профессор М. Раҳимовро -ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ
ба номи М.С.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроғаи муассиса: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони академик Рачабовҳо, 10
Тел.: (+992-37) 221-35-11
E-mail: info@ttu.tj; WWW. @ttu.tj

14 11 соли 2026__.